## ҲИФЗИ МАЪЛУМОТ БАРОИ МО МУҲИМ АСТ

### Сиёсати махфият барои www.info.lidl

Барои шавқмандии шумо ба ҳифзи маълумот дар Lidl Stiftung & Co. KG (баъдан "Lidl", "мо", "моро") миннатдории худро баён дорем. Мо дар Lidl хоҳони онем, ки шумо худро ҳангоми ташриф овардан ба веб-сомонаи мо бароҳат эҳсос намоед, инчунин донед, ки яке аз хусусиятҳои фарққунандаи мо ин садоқати мо ба ҳифзи маълумотҳои мизоҷони мо аст.

Дар сиёсати зерини махфият нақл карда мешавад, ки маълумотҳои шахсии шумо ҳангоми ташриф овардан ба веб-сомонаи www.info.lidl ва дар муносибат бо таҳвилгарон ва истеҳсолкунандагони шартномавии мо, тарафҳои дигари иштироккунанда дар занҷираи таҳвили хӯрокворӣ ва молҳои ғайрихӯрокворӣ чӣ тавр ва дар кадом андоза коркард карда мешавад. Маълумоти шахсӣ ин иттилооте аст, ки шуморо идентификатсия мекунад ва ё шуморо бевосита ё ки бавосита идентфикатсия карда метавонад. Асоси қонунгузории ҳифзи маълумотҳоро, хусусан, Регламенти умумии ИА оид ба ҳифзи маълумотҳо (GDPR) ташкил медиҳад.

### I. Тафсир

Коркарди маълумотҳоро дар Lidl Stiftung & Co. KG шартан ба ду категория ҷудо кардан мумкин аст:

- Вақте ки шумо ба веб-сомона ворид мешавед, байни дастгоҳи ниҳоии шумо ва сервери мо мубодилаи иттилооти гуногун ба миён меояд. Ин инчунин ба маълумотҳои шахсӣ таалluқ дошта метавонад. Иттилоти бо ин тавр ҷамъоваригардида барои оптимизатсияи веб-сомонаи мо, ё ки агар шумо ба ин розигӣ дода бошед, барои таҳлили рафтори шумо дар веб-сомонаи мо истифода бурда мешавад.
- Бо мақсадҳои шаффофияти занҷираи таҳвил мо дар сомонаи www.info.lidl занҷираи таҳвилҳои ҳамкори Lidl Stiftung & Co. KG-ро то истеҳсолкунандагон ва/ё ки ҷонибҳои дигари иштироккунанда дар занҷираи таҳвили таҳвилгарони маҳсулоти хӯрокворӣ ва молҳои ғайрихӯрокворӣ интишор мекунем. Иттилооти барои ин мақсад ҷамъоваригардида дорои маълумоти шахсӣ буда метавонад.

### II. Дастрасӣ ба веб-сомонаи мо

<u>Мақсадҳои коркард/асосҳои ҳуқуқӣ:</u>

Ҳангоми дастрасӣ ба веб-сомонаи мо браузери дар дастгоҳи ниҳоии шумо истифодагардида – ба таври худкор ва бидуни ягон амал аз тарафи шумо – инҳоро ба сервери веб-сомонаи мо ирсол мекунад:

- IP суроғаи дастгоҳи дастрасигирандаи дорои Интернет
- сана ва вақти дастрасӣ;
- ном ва истиноди файли дархостгардида;
- веб-сомона/барномае, ки аз он дастрасӣ ба амал омадааст (истиноди рефералӣ);
- браузер, ва ҳангоми татбиқ, системаи оператсионии компютери ба Интернет пайвастбудаи шумо, инчунин номи провайдери дастрасии шумо

ва муваққатан дар файли бо номи маҷалла барои мақсадҳои зерин нигоҳ дошта мешавад:

- барои таъминкунии пайвастшавии муттасил;
- барои таъмини бароҳат истифода бурда шудани веб-сомона/барномаи мо;
- барои таҳлилкунии амният ва устувории система.

Асоси қонунӣ барои коркарди маълумотҳои номбаргардида моддаи 6(1)(f) GDPR мебошад. Мақсадҳои дар боло номбаргардидаи коркарди маълумот барои манфиати қонунии мо мебошанд

Қабулкунандагон/категорияҳои қабулкунандагон:

Вобаста ба коркарди дар боло нишондодашуда маълумотҳои шумо инчунин аз номи мо аз ҷониби коркардкунандагон дар соҳаи хизматрасониҳои IT-хостинг коркард карда мешаванд. Чунин коркардкунандагон аз ҷониби мо мутобиқи моддаи 28 GDPR бодиққат интихобу тафтиш карда мешаванд ва бо мо шартнома мебанданд.

Мухлати нигоҳдорӣ/омилҳои муайянкунии мухлати нигоҳдорӣ:

Маълумотҳо дар давоми ҳафт рӯз нигоҳ дошта шуда, баъдан ба таври худкор нест карда мешаванд.

**III. Интишоркунии занҷираҳои таҳвил**

Мақсадҳои коркард/асосҳои ҳуқуқӣ

Мо маълумотҳои шахсии шуморо барои дар веб-сомонаи мо www.info.lidl интишор кардани занҷираҳои таҳвилҳои мо, аз ҳамкори шартномавӣ то истеҳсолкунанда, ҷамъоварӣ ва коркард мекунем. Мо танҳо ном ва суроғаҳоро, ки ба яке аз таҳвилгарони бавосита ё бевоситаи мо дар заминаи созишномаи мавҷуда дар бораи таҳвил байни шумо ва ин таҳвилгар хабар додаед, коркард мекунем. Интишороти занҷираҳои таҳвил барои татбиқи манфиатҳои қонунӣ мутобиқи моддаи 6(1)(f) GDPR хизмат мекунад. Имконияти ба истеъмолкунандагон пешкаш кардани шаффофияти пурраи занҷираҳои таҳвили мо аз рӯи мазмуни ин муқаррарот манфиати қонунӣ ба ҳисоб меравад. Баъд аз баркашии манфиатҳо пешбинӣ карда намешавад, ки ба ин манфиатҳо манфиатҳои дорои бартарият мутақобил мебошанд. Маълумотҳо айнан барои мақсадҳои дигар коркард карда намешаванд.

**Шумо вақти дилхоҳ бар зидди коркарди маълумотҳои шумо барои мақсадҳои дар боло нишондодашуда бо самара дар оянда эътироз карда метавонед. Инро, масалан, бо фиристодани мактуби электронӣ ба тамоси дар банди VII нишондодашуда иҷро кардан мумкин аст. 9.**

Қабулкунандагон/категорияҳои қабулкунандагон:

Бо мақсади амаликунӣ ва ҳифзи ин манфиатҳои қонунӣ маълумотҳои шахсии шумо дар сомонаи www.info.lidl интишор карда шуда, инчунин дар кишварҳои сеюм дастрас гардида метавонанд (ниг. ба банди VI) Дар дохили ширкати мо дастрасӣ ба маълумотҳои шумо ба он шӯъбаҳое, ки ба онҳо ин маълумотҳо бо мақсадҳои қонунӣ талаб карда мешаванд, пешкаш карда мешаванд.

Мухлати нигоҳдорӣ/омилҳои муайянкунии мухлати нигоҳдорӣ:

Занҷираи таҳвили дар ин сомона интишоргардида, инчунин маълумотҳои шахсии бо онҳо пайвастгардида ҳар сол нав карда мешаванд.

Маълумотҳои шахсии шумо дар давоми даврае, ки барои расидан ба мақсадҳои дар боло зикргардида лозим аст, нигоҳ дошта мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо, маълумотҳо дар диски мо то 10 сол нигоҳ дошта мешаванд, то ки мо истифодаи онҳоро назорат карда тавонем.

## IV. Истифодаи файлҳои cookie ва технологияи дигари монанд барои коркарди маълумотҳои истифодашаванда.

<u>Мақсадҳои коркард/асосҳои ҳуқуқӣ:</u>

Мо, Lidl Stiftung & Co. KG, Stiftsbergstraße 1, 74172 Neckarsulm, Germany, нисбати коркарди маълумотҳо вобаста ба истифодаи файлҳои **cookie** ва **технологияҳои** дигари **монанд барои коркарди маълумотҳо** дар ҳамаи (суб-)доменҳо дар https://info.lidl назораткунанда мебошем.

Файлҳои cookie файлҳои матнии хурде мебошанд, ки ҳангоми ташрифи шумо ба веб-сомонаи мо аз дастгоҳи шумо (ноутбук, планшет, смартфон ва ғайра) маҳфуз карда мешаванд. Файлҳои cookie ба дастгоҳи шумо ягон зарар намерасонанд ва вирусҳо, троянҳо ва барномаҳои дигари зараровар надоранд. Файли cookie иттилооти муайяни алоқаманд бо дастгоҳи кушодашударо маҳфуз мекунад. Вале ин маънои онро надорад, ки мо шахсияти шуморо дарҳол муайян мекунем.

Файлҳои cookie ва технологияҳои дигар, ки барои коркарди маълумотҳои истифодашаванда истифода бурда мешаванд, дар вобастагӣ аз категорияҳои файлҳои cookie/технологияҳои дигар истифода мешаванд:

- **Зарурияти техникӣ**:: файлҳои cookie ва технологияҳои монанд, ки бе онҳо аз хадамоти мо истифода бурда наметавонед (масалан, барои инъикоси саҳеҳи сомонаи мо/функсияҳои дархосткардаи шумо ва ғайра).
- **Афзалдониҳо**: бо истифода аз ин усулҳо, мо афзалдониҳои аслӣ ё ки пешбинишавандаи шуморо барои беҳтаркунии муносибати байниҳамдигарӣ бо истифодабаранда ба ҳисоб гирифта метавонем. Масалан, мо аз танзимоти шумо барои инъикоси веб-сомонаи мо дар забони барои шумо мутобиқ истифода бурда метавонем.
- **Омор**: ин технологияҳо ба мо барои мутобиқгардонии тарҳи хизматрасониҳои мо, бо таҳия намудани омори пинҳонӣ оиди чӣ тавр истифода шудани онҳо, имкон медиҳанд. Масалан, мо онҳоро барои муайянкунии чӣ тавр мутобиқгардонии веб-сомонаи мо ба одатҳои истифодабарандагон истифода бурда метавонем.

Барои баррасии файлҳои cookie ва технологияҳои дигар, ки мо истифода мебарем, аз он ҷумла, мақсадҳои коркард, давраҳои нигоҳдорӣ ва таҳвилгарони дигари ҷалбкардашуда, ба <u>сиёсати мо оиди истифодабарии файлҳои cookie</u> нигаред.

Вобаста ба мақсади истифодабарӣ, файлҳои cookie ва технологияҳои монанд барои коркарди маълумотҳо оиди истифодабарӣ – коркарди, хусусан, намудҳои зерини маълумотро дарбар мегирад:

**Зарурияти техникӣ:**

- маълумотҳои воридкардаи истифодабаранда барои нигоҳдории ҳолати розигии истифодабаранда барои домени ҷорӣ (масалан, розигӣ барои истифобарии файлҳои cookie);
- рӯйдодҳои вобаста ба бехатарӣ (масалан, муайянкунии кӯшишҳои такрории бемуваффақ ҷиҳати вуруд ба система);
- маълумотҳо барои оғози намоиши муҳтавои мултимедиягӣ (масалан, оғози намоиши видеои (маҳсулоти) интихобкардаи шумо).

**Афзалдониҳо:**

- Танзимот барои батартибдарории интерфейси истифодабаранда (масалан, интихоби забони афзалиятнок);

**Омор:**

- Профилҳои истифодабарии тахаллусгузоришуда, ки дорои маълумот дар бораи истифодаи веб-сомона мебошанд. Онҳо асосан маълумоти зеринро дарбар мегиранд:
    - намуди браузер/версияи браузер;
    - системаи оператсионии истифодашаванда;
    - дастгоҳи истифодашаванда;
    - URL-и рефералӣ (яъне саҳифаи қаблан ташрифовардашуда);
    - номи хости компютери пайвастшаванда (суроғаи IP);
    - вақти дархости сервер;
    - ID-и инфиродии истифодабаранда; ва
    - рӯйдодҳои дар веб-сомона ба вуқӯъ омада (рафтор ҳангоми дидани веб-саҳифаҳо).
- Суроғаи IP одатан махфӣ карда мешавад, умуман маънои онро дорад, ки шуморо дигар идентификатсия кардан имконнопазир аст.

Асоси қонунӣ барои истифодабарии афзалдониҳо ва файлҳои омории cookie розигии шумо мебошад, ки мутобиқи моддаи 6(1)(a) GDPR дода шудааст. Асоси ҳуқуқӣ барои истифодабарии файлҳои зарурии техникии cookie моддаи 6(1)(f) GDPR мебошад, зеро мо дар пешниҳодкунии веб-сомонаи функсионалӣ манфиати қонунӣ дорем.

**Шумо розигии худро дар вақти дилхоҳ бо нигоҳи оянда бе дахолат ба қонунияти коркард, ки аз розигӣ то бекор карда шудани он асос гирифтааст, бекор карда/тағйир дода метавонед. Барои интихоб кардан ба ин ҷо пахш кунед.**

Қабулкунандагон/категорияҳои қабулкунандагон:

Ҳангоми истифодабарии файлҳои cookie ва технологияҳои монанд барои коркарди истифодаи маълумотҳо метавонем баъзан таҳвилгарони махсусгардонидашударо барои коркарди маълумотҳо ҷалб кунем. Онҳо маълумотҳои шуморо аз номи мо ба сифати коркардкунандагон коркард мекунанд. Ҳар яки онҳо аз ҷониби мо мутобиқи моддаи 28 GDPR бодиққат интихоб карда шудаанд ва бо мо шартнома мебанданд. Ҳамаи

ширкатҳое, ки дар [сиёсати мо нисбати файлҳои cookie](#) ба сифати таҳвилгарони хизматрасониҳо нишон дода шудаанд, аз номи мо ба сифати коркардкунандагон амал мекунанд.

Дар доираи ҳамкории мо бо Google LLC маълумотҳои дар боло нишондодашуда одатан инчунин бо мақсадҳои оморӣ дар серверҳои дар ИМА ҷойгирбуда коркард карда мешаванд.

<u>Муҳлати нигоҳдорӣ/омилҳои муайянкунии муҳлати нигоҳдорӣ:</u>

Барои маълумот оиди вақти нигоҳдорӣ нисбати файлҳои cookie, ба [сиёсати мо нисбати cookie](#) нигаред. Агар дар сутуни «Муҳлати амал» «доимӣ» нишон дода шуда бошад, файли cookie то бекор карда шудани розигии мутобиқ доимӣ нигоҳ дошта мешавад.

## V. Хизматрасонӣ ба мизоҷон

<u>Мақсадҳои коркард/асосҳои ҳуқуқӣ:</u>

Мо ба ҳамаи маълумотҳои шахсие, ки ба мо тавассути шакли тамос, телефон, почтаи электронӣ ё ки шабакаҳои иҷтимоӣ пешкаш мекунед (масалан, ҳангоми муроҷиат ба хадамоти дастгирии мизоҷон), ба сифати махфӣ аҳамият медиҳем. Мо аз маълумотҳои шахсии шумо ба таври истисноӣ бо мақсади маҳдуди коркарди дархости шумо истифода мебарем. Асоси ҳуқуқӣ барои коркарди маълумотҳо моддаҳои 6(1)(f) ва 6(1)(b) GDPR мебошанд. Манфиати умумии (қонунии) мо ба ин коркарди маълумотҳо аз занҷираи ҷавоб ба дархостҳои дилхоҳ ва ҳалли маълумотҳои дилхоҳ, ки дар назди шумо ба миён омада метавонад, ва дар баробари ин, аз таъмин ва баландкунии сатҳи қаноатбахшии шумо ҳамчун мизоҷ ё ки истифодабарандаи дигари веб-сомонаи мо, бармеояд.

<u>Қабулкунандагон/категорияҳои қабулкунандагон:</u>

Ҳангоми ҷавобдиҳӣ ба дархостҳои шумо, инчунин аз коркардкунандагони махсусгардонидашуда ба хизматрасонии мизоҷон истифода хоҳем бурд, ки маълумотҳои шуморо аз номи мо коркард хоҳанд кард. Чунин коркардкунандагон аз ҷониби мо мутобиқи моддаи 28 GDPR бодиққат интихобу тафтиш карда мешаванд ва бо мо шартнома мебанданд.

Ба ғайр аз он, аз ҷониби мо пешниҳодкунии иқтибос аз дархости шумо ба ҳамкорони шартномавии худ (масалан, ба таҳвилгарон ҳангоми дархост аз рӯи маҳсулоти мушаххас) барои мақсадҳои коркарди дархости шумо талаб карда шуданаш мумкин аст. Дар ин ҳолат, дархости шумо пешакӣ бешахс гардонида мешавад, ин маънои онро дорад, ки шахсони сеюм шуморо идентификатсия карда наметавонанд. Агар дар ҳолатҳои алоҳида зарурияти интиқол додани маълумотҳои шахсии шумо ба миён ояд, мо шуморо пешакӣ огоҳ мекунем ва розигии шуморо мегирем.

Мо маълумотҳои шахсии шуморо ба шахсони сеюм интиқол намедиҳем, агар шумо ба ин розигии айнан баёнкардаи худро надода бошед.

<u>Муҳлати нигоҳдорӣ/омилҳои муайянкунии муҳлати нигоҳдорӣ:</u>

Мо ҳамаи маълумотҳои шахсиеро, ки аз шумо ҳангоми дархосткунӣ (шарҳҳои мусбӣ/манфӣ ё ки пешниҳодҳо) тавассути веб-сомона ё ки почтаи электронӣ мегирем, на дертар аз 90 рӯз баъд аз фиристода шудани ҷавоби ниҳоӣ нест ё ки бешахс мекунем. Аз таҷрибаи худ бар омада, мо одатан нисбати ҷавобҳои худ баъд аз 90 рӯз ягон саволҳоро

намегирем. Агар шумо ҳуқуқҳои худро ҳамчун субъекти маълумотҳо изҳор кунед (ниг. ба қисми VI дар поён), маълумотҳои шахсии шумо дар давоми се сол баъд аз ҷавоби ниҳоӣ барои бо ҳуҷҷат тасдиққунии воқеияти он, ки ба шумо иттилооти пурраро пешкаш кардаем ва талаботи қонунгузорӣ риоя гардидаанд, нигоҳ дошта мешаванд.

## VI. Интиқоли маълумотҳо ба қабулкунандагон аз кишварҳои сеюм

Агар мо маълумотҳоро ба гирандагон аз кишвари сеюм (ки берун аз ҳудуди минтақаи иқтисодии Аврупо қарор дорад) интиқол диҳем, ин аз иттилоот дар бораи қабулкунандагон/категорияҳои қабулкунандагон дар тавсифи коркарди мутобиқи маълумотҳо намоён мешавад. Баъзе аз кишварҳои сеюм аз ҷониби Комиссияи Аврупо тавассути қарорҳо, ки ҳамчун қарор дар бораи дорои сатҳи ҳимояи маълумотҳои мутобиқ бо сатҳи дар Минтақаи иқтисодии Аврупо пешниҳодгардида ном бурда мешаванд, сертификатсия карда шудаанд. Рӯйхати ин кишварҳо дар https://commission.europa.eu/law/law-topic/data-protection/international-dimension-data-protection/adequacy-decisions_en дастрас аст. Агар дар кишвари мушаххас стандарти мутобиқи ҳифзи маълумотҳо мавҷуд набошад, мо чораҳои дигарро меандешем, то ки сатҳи бояду шояди ҳимояи маълумотҳоро бо воситаҳои дигари монанд ба қоидаҳои ҳатмии корпоративӣ, Муқарраароти стандартии шартномавии Комиссияи Аврупо оид ба ҳифзи маълумотҳои шахсӣ, сертификатҳо ё ки кодексҳои эътирофгардидаи рафторро кафолат диҳем. Барои гирифтани иттилооти иловагӣ бо ваколатдори мо оид ба ҳифзи маълумотҳо тамос гиред (банди 9).

## VII. Ҳуқуқҳои субъектҳои маълумотҳо

Ба ғайр аз ҳуқуқи бекор кардани розигии дилхоҳ, ки ба мо пешкаш кардаед, шумо ҳуқуқҳои зерини иловагиро, бо шарти риоя кардани шартҳои мутобиқи қонунгузорӣ, доред:

- ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумотҳои шахсии дар мо нигоҳ дошта шаванда, мутобиқи моддаи 15 GDPR;
- ҳуқуқ барои ислоҳкунии маълумотҳои носаҳеҳи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқ ба пурракунии маълумотҳои нопурраи шахсӣ мутобиқи моддаи 16 GDPR;
- ҳуқуқи несткунии маълумотҳои шахсии дар мо нигоҳ дошта шаванда, мутобиқи моддаи 17 GDPR;
- ҳуқуқ ба маҳдудкунии коркарди маълумотҳои шумо, мутобиқи моддаи 18 GDPR;
- ҳуқуқ ба ҳамли маълумотҳо мутобиқи моддаи 20 GDPR;
- ҳуқуқ ба эътироз овардан мутобиқи моддаи 21 GDPR;

### 1. Ҳуқуқ ба дастрасӣ мутобиқи моддаи 15 GDPR

Мутобиқи моддаи 15(1)-и GDPR шумо ҳуқуқ доред, ки иттилоотро дар бораи маълумоти шахсии дар бораи шумо нигоҳ дошташуда ба таври ройгон дархост кунед. Ба ин, хусусан, зерин дохил мешавад:

- мақсадҳое, ки барои онҳо маълумотҳои шахсӣ коркард карда мешаванд;
- категорияҳои маълумотҳои шахсӣ, ки коркард карда мешаванд;
- қабулкунандагон ё ки категорияҳои қабулкунандагон, ки ба онҳо маълумотҳои шахсии ба шумо тааллуқдошта кушода шудаанд ё ки мешаванд;

- давомнокии банақшагирифташудаи нигоҳдории маълумотҳои ба шумо тааллуқдошта ё ки, агар пешкашкунии ягон маълумотҳо, омилҳои барои муайянкунии давомнокии нигоҳдорӣ имконнопазир бошад;
- мавҷудияти ҳуқуқ барои ислоҳкунӣ ё ки несткунии маълумотҳои ба шумо тааллуқдошта, ҳуқуқи аз нозир талаб кардани маҳдудкунии коркард ё ки ҳуқуқи эътироз кардан бар зидди чунин коркард;
- ҳуқуқи шикоят кардан ба мақомоти назораткунанда;
- ҳамаи иттилооти дастрас дар бораи сарчашмаи маълумотҳо, агар маълумотҳои шахсӣ аз субъекти маълумотҳо ҷамъ карда нашаванд;
- мавҷуд будани ягон ҷараёнҳои худкори қабулкунии қарорҳо, аз он ҷумла профилкунӣ мутобиқи моддаи 22(1) ва (4) GDPR, ва – ба ҳар ҳол, дар ин ҳолатҳо – иттилооти дорои аҳмиятнокӣ нисбати мантиқи истифодашуда, инчунин аҳмиятнокӣ ва оқибатҳои пешбинигардидаи чунин коркард барои субъекти маълумотҳо.

Агар маълумотҳои шахсӣ ба кишвари сеюм ё ки ташкилоти байналхалқӣ интиқол дода шаванд, шумо барои гирифтани хабарнома дар бораи кафолатҳои дахлдор тибқи моддаи 46 GDPR вобаста ба интиқол ҳуқуқ доред.

**2. Ҳуқуқ ба ислоҳкунӣ мутобиқи моддаи 16 GDPR**

Шумо барои талабкунии ислоҳкунии маълумотҳои нодурусти шахсии ба шумо тааллуқдошта ҳуқуқ доред. Бо назардошти мақсадҳои коркард шумо барои пурракунии маълумотҳои шахсии нопурра, аз он ҷумла, бо роҳи пешкашкунии аризаи иловагӣ ҳуқуқ доред.

**3. Ҳуқуқ ба несткунӣ мутобиқи моддаи 17 GDPR**

Шумо ҳуқуқи аз мо талаб кардани маълумотҳои дилхоҳи ба шумо тааллуқдоштаро бе таъхири зарурияти надошта доред, агар яке аз шартҳои зерин татбиқ карда шаванд:

- маълумотҳои шахсӣ барои мақсадҳое, ки барои онҳо ҷамъоварӣ ё ки бо усули дигар коркард карда шуда бошанд, дигар лозим набошанд;
- шумо розигии худро, ки коркард мутобиқи моддаи 6(1)(a) ё ки моддаи 9(2)(a) GDPR бар он асос гирифтааст, бекор мекунед ва барои коркард асоси ҳуқуқии дигар мавҷуд набошад;
- Шумо бар зидди коркард мутобиқи моддаи 21(1) ё ки (2) GDPR эътироз дошта бошед, агар ҳолати мутобиқ ба моддаи 21(1) GDPR ҷой дошта бошад ва ягон асосҳои бартариятдоштаи қонунӣ барои коркард мавҷуд набошанд;
- маълумоти шахсӣ ғайриқонунӣ коркард гардида бошанд;
- несткунии маълумотҳои шахсӣ барои иҷроиши ӯҳдадории ҳуқуқӣ зарур бошад;
- Маълумотҳои шахсӣ вобаста ба пешниҳоди хизматрасониҳои дар моддаи 8 (1) GDPR ёдрасшудаи ҷамъияти иттилоотӣ ҷамъ гардида бошанд.

Агар мо маълумотҳои шахсиро дастрас карда ва барои несткунии онҳо ӯҳдадор бошем, бо назардошти технологияҳои мавҷуд ва арзиши ҷорикунӣ, чораҳои мантиқӣ меандешем, то ки ба шахсони дилхоҳи сеюми коркардкунандаи маълумотҳои шумо оиди

он факт хабар дода шавад, ки шумо аз ҷониби чунин шахсони сеюми коркардкунанда нест карда шудани истинодҳо, нусхаҳо ё ки нусхаҳои такрории чунин маълумотҳои шахсии худро талаб кардаед.

### 4. Ҳуқуқ ба маҳдудкунии коркард мутобиқи моддаи 18 GDPR

Шумо ҳуқуқи аз мо талаб кардани маҳдудкунии коркардро доред, агар яке аз шартҳои зерин татбиқ карда шаванд:

- оиди саҳеҳияти маълумотҳои шахсӣ эътироз дошта бошед;
- коркард ғайриқонунӣ бошад ва маҳдудкунии истифодабарии маълумотҳои шахсиро талаб кунед, на ин ки несткунии онҳоро;
- ба назоратчӣ маълумотҳои шахсӣ барои мақсадҳои коркард дигар лозим набошанд, вале онҳо ба субъекти маълумотҳо барои пешкашкунӣ, амаликунӣ ё ки ҳифзи эродҳои ҳуқуқӣ зарур бошанд, ё ки
- шумо зидди коркард тибқи моддаи 21(1) GDPR барои тафтиши он, ки оё асосҳои қонунии назоратчӣ аз асосҳои қонунии субъекти маълумотҳо бартарият доранд ё не, эътироз карда бошед.

### 5. Ҳуқуқ ба ҳамли маълумотҳо мутобиқи моддаи 20 GDPR

Шумо ҳуқуқи гирифтани маълумотҳои шахсии алоқаманд ба худро доред, ки онро ба мо дар шакли ба сохтор даровардашудаи ба таври васеъ истифодашаванда ва мошинхонӣ пешкаш карда бошед, инчунин шумо ҳуқуқ доред, ки ин маълумотҳо аз ҷониби мо ба назоратчии дигар бе ягон мамониат интиқол дода шавад, агар

- коркард аз розигӣ тибқи моддаи 6(1) ё ки моддаи 9(2) ё ки шартнома мутобиқи моддаи 6(1)(b) GDPR асос гирифта бошад ва
- коркард ба васоити худкор ба амал бароварда шавад.

Бо амалӣ намудани ҳуқуқи худ барои интиқоли маълумотҳо, шумо барои интиқоли маълумотҳои шахсӣ аз мо ба назоратчии дигарро ҳангоми мавҷудияти шароити техникӣ ҳуқуқ доред.

### 6. Ҳуқуқ ба эътироз овардан мутобиқи моддаи 21 GDPR

Бо шарти риоякунӣ ба талаботи моддаи 21(1) GDPR бар зидди коркарди маълумотҳо дар асоси мутааллиқ ба ҳолати мушаххаси худ эътироз карда метавонед.

Ҳуқуқи дар боло ёдрасгардида ба эътирозкунӣ нисбат ба ҳамаи асосҳои коркарди дар сиёсати мазкури махфият нишондодашуда, ки дар асоси моддаи 6(1)(f) GDPR коркард карда мешаванд, амал мекунад. Дар фарқият аз ҳуқуқи мушаххас ба эътироз нисбати коркарди маълумотҳо бо мақсадҳои рекламавӣ, мо барои татбиқ кардани чунин ҳуқуқи умумӣ ба эътироз танҳо дар он ҳолат ӯҳдадор мебошем, агар шумо асосҳои дараҷаи аввалро нишон диҳед, масалан, хатари имконпазир барои ҳаёт ва саломатӣ. Ба ғайр аз он, мо имконияти тамосгириро бо мақомоти назораткунандаи масъул дар Lidl Stiftung & Co. KG, ё ки ваколатдор оид ба ҳифзи маълумотҳои Lidl Stiftung & Co. KG дорем (ниг. ба қисмати IV.4) .

### 7. Ҳуқуқи шикояткунӣ ба мақомоти назораткунанда оид ба ҳифзи маълумотҳо мутобиқи моддаи 77 GDPR.

Шумо инчунин ҳуқуқи дар вақти дилхоҳ арз кардани шикоят ба мақомоти салоҳиятдори назорат аз болои ҳифзи маълумотҳоро доред. Барои ин шумо ба мақомоти назораткунанда аз болои ҳифзи маълумотҳои музофоти Олмон, ки дар он истиқомат мекунед, ё ки ба мақомоти музофоти Баден-Вюртемберг ҳамчун музофоте, ки дар он саридораи Lidl Stiftung & Co. KG ҷойгир шудааст, муроҷиат карда метавонед.

## 8. Амаликунии ҳуқуқҳои худ

Шахсони тамосӣ дар ҳолати пайдо шудани саволҳо ё ки амаликунии ҳуқуқҳои худ ба ҳифзи маълумотҳо

Барои амаликунии ҳуқуқҳои худ ҳангоми коркарди маълумотҳои худ (ҳуқуқ ба ҳифзи маълумотҳо), ба хадамоти дастгирии мизоҷони Lidl муроҷиат кунед:

https://www.lidl.de/contact

## 9. Назоратчӣ ва мутахассис оид ба ҳифзи маълумотҳо

Ин сиёсати махфият ба коркарди маълумот аз ҷониби Lidl Stiftung & Co. KG, Stiftsbergstraße 1, 74167 Neckarsulm («масъул») дахл дорад. Бо корманди ҳифзи маълумоти Lidl Stiftung & Co. KG барои саволҳо оид ба ҳифзи маълумот дар суроғаи дар боло зикршуда ё тавассути datenschutz@lidl.com тамос гирифтан мумкин аст.